## ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Ализода Абдулқодир Маҳмадраҳим дар мавзуи «Ҷумҳурии Тоҷикистон ва созмони ҳамкории исломӣ: мушкилот ва дурнамои ҳамкориҳои сиёсӣ – иқтисодӣ ва фарҳангӣ (охири асри XX – ибтидои асри XXI)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.6. Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати беруна пешниҳод гардидааст.**

Автореферати диссертатсияи Ализода Абдулқодир Маҳмадраҳим ба яке аз мавзуъҳои муҳими илми таърихи муносибатҳои байналмилалӣ бахшида шудааст. Дар он масъалаҳои ташаккул ва рушди ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Созмони ҳамкории исломӣ (СҲИ), самтҳои асосии сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии ин робитаҳо, инчунин мушкилот ва дурнамои онҳо мавриди таҳлил қарор гирифтаанд.

Автореферати диссертатсияи Ализода Абдулқодир нишон медиҳад, ки муаллиф масъалаи мавриди таҳқиқро ба таври ҳамаҷониба ва илмӣ таҳқиқ кардааст.

Мубрам будани мавзуъ бо дарназардошти пураҳаммият будани ин масъала Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бахши равобити байналмилалӣ ва сиёсати бисёрсамтаи хориҷии худ иртибот бо бозингарони шинохтаи сиёсати ҷаҳонӣ усули дӯстӣ ва ҳамдигарфаҳмиро дар заминаи усули «дарҳои боз» татбиқ намуда, ҳамкории зичу ҳаматарафаро бо СҲИ тавсеа бахшида истодааст.

Муаллиф дар кори худ қайд намудааст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз дарёфти истиқлол бо таваҷҷуҳ ба вазъи сиёсии ҷаҳон роҳи хосси ҳаракати хеш ва сиёсати мушаххаси ба худ хосро касб намуда, дар масири истикрори равобити судманд бо мамолики Шарқ ва Ғарб ҳаракат карда истодааст. Ин дар ҳолатест, ки бар асари равандҳои гуногуни сиёсӣ дар кишварҳои Африқои Шимолӣ ва Шарқи Наздик нақши СҲИ ҳамчун механизми ҳамкории кишварҳои узв дар бахшҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ ва василаи тамаркузи захираҳои зеҳнӣ ва моддӣ барои ноил шудан ба мақсадҳоиумумӣ ба таври назаррас афзуда истодааст.

Автореферати рисола сохтори мантиқӣ дошта, чаҳорчӯбаи хронологии он бо солҳои 1969 то соли 2022 рост меояд, таърихи ташаккули СҲИ, инчунин барқароршавӣ, ташаккул ва рушди муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Созмони ҳамкории исломиро мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Муаллиф баъзе масъалаҳои назариявӣ - методологии созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавиро ҳамчун субъектҳои муносибатҳои байналхалқӣ дар низоми равобити байналхалқии муосир дида баромада

дар ин қарина, замина ва сабабҳои таъсис гардидани Созмони ҳамкориҳои ислмиро аз нигоҳи тозаи илмӣ таҳлил кардааст.

Автореферат бо забони равон, илмӣ таҳия шудааст, ки аз сатҳи баланди омодагии илмии муаллиф ва дониши методологиву таҳлилии ӯ шаҳодат медиҳад. Аз банду баст ва муҳтавои автореферат муайян мегардад, ки диссертатсияи мазкур мувофиқ ба талаботи мавҷудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба диссетртатсияҳои аз рӯйи ихтисос иҷро шуда, ҷавобгӯи он мебошад.

Муаллиф оид ба мавзуи диссертатсияи худ 6 мақолаи илмӣ, аз он ҷумла, 4 мақола дар маҷаллаҳои аз ҷониби КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тақризшаванда ва 2 мақола дар дигар нашрияҳо ба нашр расонидааст.

**Хулоса**, автореферати диссертатсияи Ализода Абдулқодир Маҳмадраҳим дар мавзуи «Ҷумҳурии Тоҷикистон ва созмони ҳамкории исломӣ: мушкилот ва дурнамои ҳамкориҳои сиёсӣ – иқтисодӣ ва фарҳангӣ (охири асри XX – ибтидои асри XXI)» ба бандҳои асосии «Талаботи додани дараҷаи илмӣ ва унвони илмӣ» ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз руйи ихтисоси 6.1.6. Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати беруна мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
номзади илмҳои таърих (6.1.6. Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати беруна), дотсенти кафедраи сиёсатшиносии ДДК ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Изатов У.Х.

**Суроға:** 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Кӯлоб, кӯчаи. Сафарова С., 16
Тел: (+ 992 3322) 2-35-06, 2-35-09
info@kgu.tj, somona@kgu.tj; www.kgu.tj

Имзои У.Х. Изатов-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДДК ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ: Давлатов М.А.

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

18 05 соли 2026